**Ҷадвали мониторинги**
**иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи XVII-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 30 январи соли 2017 (тасдиқ аз 9 феврали соли 2017)**

| № | Мазмуни супоришҳои протоколӣ | Мӯҳлати иҷро | Ҷараёни иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 1. Вазорати энергетика ва захираҳои об:<br><br>- якҷо бо дигар вазорату идораҳо дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин мониторинги иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи энергетикаро гузаронида, вобаста ба такмил додани онҳо ҷиҳати ҷалби бештари сармоя, аз ҷумла сармояи хусусӣ ва афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияи каммасрафи нерӯи барқ ва коҳиш додани талафоти он ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд;<br><br>- якҷо бо дигар вазорату идораҳои марбута масъалаҳои рушди соҳаи энергетикаро дар доираи низоми муайяни доимамалкунанда ҳаллу фасл намояд;<br><br>- пешниҳодҳои бахши хусусӣ ва шарикони рушдро дар самти рушди соҳаи энергетика ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳа мавриди омӯзиш қарор дода, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳодҳои мушаххас манзур созад;<br><br>- якҷо бо шарикони рушд ҷиҳати насби ҳисобкунакҳои муосир ва ҷорӣ намудани технологияи нави паст кардани талафот лоиҳаҳои муштаракро таҳия ва амалӣ намояд; | | **Мавриди иҷро карор дорад**<br><br>**Вазорати энергетика ва захираҳои об**<br>Ҷиҳати иҷрои сархатҳои якум ва дуюми банди якуми супориш тибқи Фармоиши №38 аз 23.06.2017 Вазири энергетика ва захираҳои об дар назди Вазорат аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шудааст. Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар самти мониторинги иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи энергетика, вобаста ба такмил додани онҳо ҷиҳати ҷалби бештари сармоя, аз ҷумла сармояи хусусӣ ва афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияи каммасрафи нерӯи барқ ва коҳиш додани талафоти он, инчунин масъалаҳои рушди соҳаи энергетика дар доираи низоми муайяни доимамалкунанда фаъолият карда истодааст.<br><br>Вазорат пешниҳодоти бахши хусусӣ ва шарикони рушдро вобаста ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ба инобат гирифта, онҳоро дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва таъмини бахши хусусӣ бо нерӯи барқ ҷой намудааст, ки айни замон дар баррасии Ҳукумати кишвар қарор дорад.<br><br>Моҳи ноябри соли 2014 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди Қувайтии Рушди иқтисоди Араб Созишнома доир ба пешниҳод намудани кӯмаки техникӣ доир ба таҳия намудани асосноккунии техникию иқтисодии як қатор лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаи электроэнергетика ба имзо расида буд. Тибқи қоида ва талаботи дохилии Фонди мазкур озмуни байналмиллалӣ доир ба интихоби ширкати мушовирӣ гузаронида ва ширкати муштараки Fichtner GmbH & Co. KG & SOOR Engineering (Олмон-Қувайт) ғолиби озмун шуд. Дар доираи лоиҳаи мазкур омодасозии асосноккунии техникию иқтисодии як қатор лоиҳаҳо аз ҷумла нақбҳои обпарто, зеристгоҳҳои барқӣ, дастгоҳҳои тақсимкунандаи кушода, барқарорсозии шабакаҳои барқии баландшиддат, ҷорӣ намудани низоми автоматии ҳисоб ва назорати нерӯи барқ (АСКУЭ) ва ғайра шурӯъ шудааст. Айни замон, аз ҷониби | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги лоиҳаҳои муштараки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд амалишавандаро беҳтар ба роҳ монда, самаранокии лоиҳаҳоро таъмин намояд;<br><br>- лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва таъмини бахши хусусӣ бо нерӯи барқ бо дарназардошти пешниҳодҳои дар ҷаласа баёнгардида мукаммал намуда, ҳарчи зудтар ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод кунад. | | ширкати мушовирӣ, пешнавишти асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои зикргардида барои баррасӣ ба Вазорат ва ШСХК "Барқи Тоҷик" пешкаш гардидааст. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ ҷорӣ намудани низоми автоматии ҳисоб ва назорати нерӯи барқ (АСКУЭ) дар минтақаҳои Турсунзода – 8,105 млн доллари ИМА, ноҳияҳои тобеи Марказ – 39,437 млн. доллари ИМА, шабакаҳои барқии Кӯлоб – 5,490 млн. доллари ИМА ва шабакаҳои барқии ҷанубӣ – 32,984 млн. доллари ИМА, ҳамагӣ 86,016 (ба истисной барқарорсозии шабакаҳои барқии шиддати баланд ва паст) арзёбӣ гардидааст. Дар назар аст, ки баъди баррасии Асосноккунии техникию иқтисодӣ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаҳои пешниҳодшуда ба баррасии шарикони рушд барои маблағгузорӣ пешниҳод карда шаванд.<br><br>Аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарикони рушд механизми муайян вобаста ба ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги лоиҳаҳои муштарак барои таъмини самаранокии лоиҳаҳо манзур шудааст ва он айни замон аз ҷониби шарикони рушд баррасӣ гардида истодааст.<br><br>Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи барқӣ дар асоси таклифу пешниҳодоти бахши хусусӣ ва шарикони рушд такмил дода шудааст ва айни замон дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад. | |
| 2. | Вазорати энергетика ва захираҳои об ва ШСХК «Барқи Тоҷик» ҷиҳати соддагардонии расмиёти пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқ тавассути коҳиш додани шумораи расмиёт ва вақт тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намоянд. | | **Иҷро шуд**<br><br>**Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо ШСҲБ «Барқи Тоҷик»**<br>Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №354 аз 3 июни соли 2014 тартиби гирифтани шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ аз муқаррароти зерин иборат аст:<br>- пешниҳод намудани дархост барои гирифтани шарти техникӣ аз тарафи истифодабаранда бо нишондоди мавқеи ҷойгиршавии иншоот, намуди фаъолият ва талаботи истифодабарии тавоноии барқи дастгоҳҳои барқӣ;<br>- баррасии дархост бо муайян намудани нуқтаи пайвастшавӣ ва имкониятҳои техникии шабакаҳои барқӣ;<br>- омода ва пешниҳод намудани шартҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ; | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | **Эзоҳ:** Шарти техникӣ дар давоми 10 рӯзи корӣ баъд аз гирифтани дархости истифодабаранда баррасӣ ва ройгон пешкаш карда мешавад.<br>Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки ҷаҳонӣ - пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқиро аз 9 расмиёт иборат медонад.<br>Вобаста ба Ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ ШСҲК «Барқи Тоҷик» чунин иброз доштааст:<br>Бандҳои 2 ва 7-и муқараркардаи БҶ ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №354 аз 03.06.2014 мухолифат мекунанд.<br>Бандҳои 3, 4 ва 5-и муқарраркардаи БҶ ба салоҳияти Ширкати «Барқи Тоҷик» намедароянд, зеро истифодабаранда онро тибқи фармоиш ба ташкилотҳои пудратии лоиҳакашию сохтмонӣ таъмин менамояд.<br>Банди 6-и муқараркардаи БҶ асоси воқеӣ надорад, зеро ҳисобкунаки барқӣ баъди санҷиши Агентии Тоҷикстандарт ба фурӯш гузошта мешавад.<br>Бандҳои 7 ва 9-и муқарраркардаи БҶ бояд ҳамчун як расмиёт қабул карда шаванд, зеро санҷиши корҳои иҷрошуда бо иштироки намояндагони Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика, ташкилоти таъминкунандаи барқ ва намояндаги раёсати фуруш ба роҳ монда шуда, вобаста ба он санади дахлдор тартиб дода мешавад.<br>**Тибқи ҳисоботи БҶ** банди 9, муҳлати баимзорасонии шартномаи истифодабарии энергияи барқ - 22 рӯзи корӣ ва бо пардохти 20 доллари ИМА дарҷ гардидааст. Дарвоқеъ, тибқи банди 34-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №354 аз 03.06.2014 муҳлати ба шабакаҳои барқӣ пайваст кардани иншоот аз рӯзи ба имзо расидани Шартнома – 5 рӯзи корӣ ва ройгон муқаррар карда шудааст.<br>Бояд қайд кард, ки дар рафти видеоконфронс бо коршиносони Бонки ҷаҳонӣ масъалаҳои болозикр мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълумоти пешниҳодгардида ба беҳтар гардидани мавқеи кишвар аз рӯи нишондиҳандаи "Пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини қувваи барқ" барои соли 2019 мусоидат менамояд. | |
| 3. | Вазорати энергетика ва захираҳои об, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, ШСХК «Барқи Тоҷик» якҷо бо дигар сохторҳои марбута ба таври ҳатмӣ насб намудани технологияҳои каммасрафи нерӯро ҳангоми таҳияи лоиҳаи сохтмони иншоот ҷорӣ намуда, бо аҳолӣ ва корхонаҳо корҳои фаҳмондадиҳиро пайваста ба роҳ монанд. | | **Мавриди иҷро қарор дорад.**<br><br>**Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо бо ШСХК «Барқи Тоҷик»**<br>Айни замон, дар асоси фармоиши Вазири энергетика ва захираҳои об дар назди вазорат 2 гурӯҳи корӣ фаъолият мекунанд, ки онҳо ҷиҳати гузаронидани тадқиқотҳои зарурӣ ва мониторинги иҷрои санадҳои қабулшудаи соҳаи энергетика ба шаҳру навоҳии кишвар сафарҳои корӣ анҷом дода истодаанд. Бояд қайд кард, ки гурӯҳҳои кории қайдгардида корҳои фаҳмондадиҳиро дар маҳаллҳо оид ба таври ҳатмӣ насб кардани | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | технологияҳои каммасрафи нерӯ ҳангоми таҳияи лоиҳаи сохтмони иншоот ҷорӣ намуда, бо аҳолӣ ва корхонаҳо пурзӯр намуда истодаанд ва ин раванд идома дорад.<br><br>**Кумитаи меъморӣ ва сохтмон**.<br>Кумита ташкилотҳои лоиҳакашии худро вазифадор кардааст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои сохтмони бино ва иншоот ба таври ҳатмӣ насб намудани технологияҳои каммасрафи барқиро ба инобат гирифта, корҳои фаҳмондадиҳиро дар ин самт пайваста ба роҳ монанд. Дар лоиҳаҳои барқтаъминкунӣ ва чароғонкунии бинову иншоот ба нишондиҳандаи сарфакунии баланди нерӯи барқ, сарфаи нерӯи барқ ҳангоми интиқол ба масофаҳои дур, насби воситаҳои замонавии барқсарфакунанда, афзалият дода мешавад ва аз тарафи коршиносон истифодаи чунин техника ва технология назорат карда мешавад. | |
| 4. | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва захираҳои об, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ШСХК «Барқи Тоҷик» ва дигар вазорату идораҳои марбута масъалаҳои ҷорӣ намудани чораҳои ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ ва зиёд намудани саҳми он дар рушди соҳаи энергетикаро мавриди омӯзиш қарор дода, лоиҳаи методологияи нави тарифиро, ки арзиши ҳамаи марҳилаҳои истеҳсоли нерӯи барқ, интиқол ва тақсимоти онро то истеъмолкунандаи ниҳоӣ ба таври шаффоф инъикос менамояд, таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд. | | **Мавриди иҷро қарор дорад**<br><br>**Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо**<br>Тибқи амри Президенти кишвар №АП-594 аз 6 октябри соли 2015 дар назди Вазорати энергетика ва захираҳои об гуруҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шудааст ва он Консепсияи сиёсати нави тарифии нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва онро баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута ба Ҳукумати ҷумҳурӣ манзур намудааст. Вобаста ба ин, тибқи банди 2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба марҳилаи якуми амалигардонии консепсияи мазкур (давраи 2017-2020) ба зиммаи Хадамоти зиддиинҳисорӣ якҷо бо ШСҲК “Барқи Тоҷик”, Вазорати энергетика ва захираҳои об, рушди иқтисод ва савдо, адлия ва Ширкати мушовири байналмилалӣ шурӯъ вогузор шудааст, ки аз семоҳаи чоруми соли 2016 то охири семоҳаи якуми соли 2017 таҳияи Методологияии нави ҳисоби тарифи нерӯи баркро ба итмом расонанд.<br><br>**Вазорати энергетика ва захираҳои об**<br>Ҷиҳати иҷрои Консепсияи сиёсати нави тарифӣ дар соҳаи энергетикаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи якуми амалигардонии он барои солҳои 2017-2020 Методологияи нави тарифӣ аз ҳисоби мутахассисони вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» ва Ширкати байналмилалии машваратӣ таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.05.2017, №259 тасдиқ карда шуд. Тарофаҳои нави | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | қувваи барқ аз моҳи октябри соли ҷорӣ карда шуданд. | |
| 5. | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:<br><br>- якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ ва вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳи кории салоҳиятнок таъсис дода, барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои мамлакат дар арзёбиҳои байналмилалӣ хулосаҳои мушаххас пешниҳод намояд;<br><br>- якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ ва вазорату идораҳо ҷиҳати ташкили Феҳристи электронии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо шарикони рушд ҳамкориҳоро ба роҳ монад. | | **Иҷро шуд**<br><br>**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи далатӣ якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ** дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти масъул ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои кишвар дар арзёбиҳои байналмилалӣ, бо тими Ҳисоботи Doing Business-и Бонки ҷаҳонӣ як қатор видеоконфронсҳо гузаронида, дар онҳо маълумоти муфассал оид ба ислоҳоти татбиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти Пешбурди соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ барои давраи аз 1 июни соли 2016 то 1 июни соли 2017 ирсол карда шуд. Дар натиҷа дар ҳисоботи қайдгардида Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро барои раддабандии соли 2018 панҷ зина боло бурда, бо ба даст овардани 56,86 фоизи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ҷои 123-юмро ишғол намуд.<br>Мавриди қайд аст, ки устувор гардидани мавқеи ҷумҳурӣ асосан аз ҳисоби беҳтар шудани як қатор нишондиҳандаҳо, аз ҷумла "Бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ" 28 зина, "Гирифтани иҷозат барои сохтмон" 26 зина, "Пайвастшавӣ ба қувваи барқ" 2 зина, "Бақайдгирии моликият" 7 зина, "Андозбандӣ" 8 зина, "Тиҷорати байналмилалӣ" 3 зина ва "Таъмини иҷроиши қарордод" 1 зина таъмин гардидааст. Пешравии мазкур натиҷаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи босамари ислоҳот оид ба соддагардонии танзими давлатии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар кишвар мебошад.<br>Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидани ислоҳот доир ба соддагардонии расмиёти танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла дар бахши иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, пайвастшавӣ ба шабакаи қувваи барқ, маъмурикунонии андоз, бақайдгирии моликият, дастрасӣ ба қарз, расмиёти тиҷорати байналмилалӣ, таъмини ичроиши қарордод ва ҳалли масъалаи пардохтпазирӣ мувофиқи мақсад мебошад.<br>Айни замон Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо коршиносони Бонки ҷаҳонӣ ва вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дар таҳрири нав пешниҳод намудани Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат оид беҳтар намудани мавқеи кишвар дар арзёбии "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ тадбирҳои зарурироамалӣ намуда истодаанд.<br>Кумита дар асоси ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва мақомоти назоратӣ Шӯрои мақомоти санҷиширо таъсис дода, нақшаҳои солонаи санҷишии ҳар як мақомотро бо санадҳои расмии ҳимоякунандаи манфиатҳои соҳибкорон ҳамоҳанг намудааст. Ҷиҳати таъсиси Феҳристи | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | электронии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шуда, Нақшаи солонаи санҷишии мақомотҳои дахлдор дар соли 2017 тасдиқ ва дар сомонаи расмии Кумита ва Котиботи Шӯро ҷойгир карда шудааст. | |
| 6. | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ якҷо бо вазорату идораҳо ва дигар мақомоти дахлдор ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ, татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои қабулгардида ва нишондиҳандаҳои Консепсияи миллии рушди соҳаи сайёҳӣ, омода кардани мутахассисони соҳибтаҷриба ва пешниҳоди хизматрасониҳои муосир ба сайёҳон ва дар маҷмӯъ муаррифии мавқеи мамлакат ҳамчун кишвари барои сайёҳон мусоид чораҳои судманд андешанд. | | **Мавриди иҷро қарор дорад**<br><br>**Кумитаи рушди сайёҳӣ**<br>- Кумита соли 10-ум аст, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гушаи туристии Тоҷикистонро дар намоишгоҳи байналмилалии ITB-Берлин ташкил ва ба ҷаҳониён муаррифӣ менамояд;<br>- Соли дуюм аст, ки ҳайати расмии Тоҷикистон дар Намоишгоҳи туристии байналмилалӣ Интурмаркет – Москва иштирок ва Тоҷикистонро муаррифӣ менамоянд;<br>- Кумита бо мақсади омода кардани мутахассисони соҳибтаҷриба барои 10 муассисаи олӣ ва миёнаи махсуси кишвар, ки мутахассиси соҳаи туризм тайёр мекунанд, намунаи адабиёти муосири соҳаро харидорӣ ва ройгон таъмин намудааст.<br>- Дар таҳияи барномаҳои илмӣ ва таълимии соҳаи туризм бо муассисаҳои қайдгардида, ҳамкориҳо ба роҳ шудааст.<br>- Кумита дар ҳамкорӣ бо Муассисаҳои олии кишвар шароити мусоид барои ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифтани донишҷӯёни бахши туризм дар кишвар фароҳам овардааст. | |
| 7. | Хадамоти гумрук, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати нақлиёт якҷо бо фурудгоҳҳои байналмилалии мамлакат дар муддати як моҳ меъёрҳо ва талаботи байналмилалии қабулу гусели шаҳрвандону меҳмононро дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадиву гумрукӣ ҷорӣ намуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд. | | **Иҷро шуд**<br><br>**Вазорати нақлиёт**<br>Вазорати нақлиёт «Қоидаҳои ташкили хизматрасонӣ ба мусофирони хатсайрҳои байналмилалӣ дар фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва онро бо Хадамоти гумрук, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, ҶСК Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе мувофиқа намуда, бо мактуби Вазорат №1(7.2) аз 20.03.2017 барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст. Маводи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмил ва коркарди иловагӣ баргардонида шуда, айни замон дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад. Қоидаи мазкур ҳамкории хадамоту идораҳоро мавриди таъмин намудани назорати гумрукӣ, махсус, сарҳадӣ, муҳоҷиратӣ, фитосанитарӣ, карантинӣ, назорати бойторӣ ва инчунин амнияти авиатсионии бехатарии парвозҳоро муқаррар намуда, иҷрои он барои ҳама хадамот, идораҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (новобаста аз тобеияти идоравӣ ва | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | шакли моликият), ки ба ташкили хизматрасонӣ ба мусофирони хатсайрҳои байналмилалӣ дар фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иртибот доранд, ҳатмӣ мебошанд. | |
| 8. | Бонки миллӣ ва Вазорати молия якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ ва дигар вазорату идораҳо оид ба беҳтар намудани нақши бахшҳои бонкдорӣ ва молия дар рушди соҳибкориву сармоягузорӣ, ба низоми муайян даровардани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, омӯзиши қоидаҳои муайян намудани фоизи қарзҳои бонкӣ ва дигар ҷанбаҳои соҳа таҳлили муфассал гузаронида, тавсияҳои мушаххасро ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намоянд. | | **Иҷро шуд.**<br><br>**Бонки миллии Тоҷикистон**<br>Бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон №86/фф аз 18 апрели соли 2017 дар назди Бонки миллӣ тахти раёсати Раиси Бонки миллӣ Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуд.<br>Мактуби расмии Бонки миллӣ №13.1-250/2670 аз 12.06.2017 ба аъзои гурӯҳи корӣ ва шарикони рушд барои дастрас намудани фикру андешаҳои аъзои гурӯҳи корӣ ирсол гардид.<br>Дар ин замина, аз ҷониби аъзои гурӯҳи корӣ, аз ҷумла вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд пешниҳодот ба Бонки миллӣ ҷиҳати беҳсозии фазои сармоягузорию соҳибкорӣ дар бахши бонкдорӣ ва молия манзур карда шуд.<br>Гурӯҳи корӣ дар доираи фаъолияти худ дар ҳамкорӣ бо Котиботи Шӯрои машваратӣ ҳисоботи таҳлилиро бо тавсияҳои мушаххас ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат дар ин самт омода намудааст, ки ба ҷаласаи XVIII -уми Шӯро пешниҳод карда шудааст.<br><br>**Вазорати молия**<br>Аз ҷониби Вазорати молия ҷиҳати беҳтар намудани нақши бахшҳои бонкдорӣ ва молия дар рушди соҳибкорию сармоягузорӣ лоиҳаи нақшаи чорабиниҳо таҳия шудааст ва бандҳои асосии он дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар бахши бонкдорӣ ва молия ба инобат гирифта шудааст. | |
| 9. | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ:<br><br>- якҷо бо вазорату идораҳо ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд вобаста ба муосиргардонии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон ва дар маҷмӯъ ба аҳолии мамлакат таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронида, ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро тавсияҳои мушаххас пешниҳод намоянд; | 2018<br>2023 | **Мавриди иҷро қарор дорад.**<br><br>**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ**<br><br>Коршинос бо дастгирии БРСММ таҳлили қиёсии таҷрибаи байналмилалиро бо тавсияҳои мушаххас омода намудааст, ки он мавриди баррасии вазорату идораҳо қарор дорад. Интизор меравад, ки ҳисоботи таҳлилӣ, бастаи тавсияҳо ва лоиҳаи санади дахлдор омода ва ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод карда мешаванд. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - якҷо бо вазорату идораҳо ва ассотсиатсияҳои соҳибкорон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ» таҳия ва ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намоянд;<br><br>- бахри боз ҳам ҷоннок намудани музокироти масъалаҳои баррасишавандаи Шӯро ва таъмини иштироки доираи бештари соҳибкорону сармоягузорони фаъол, тартиби баргузории ҷаласаҳои минбаъдаи он такмил дода шавад. | | Бо мақсади гирифтани пешниҳоди таклифҳои ҳунармандон ва косибон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» моҳи августи соли ҷорӣ Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо Кумита, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти шаҳру вилоятҳо ва ассосиятсияҳои соҳавӣ як қатор мизҳои мудаввар дар марказҳои вилоятҳои ҷумҳурӣ, мизи мудаввар бо намоишгоҳи миллии маҳсулоти ҳунармандон дар доираи ҳафтаи соҳибкорӣ дар пойтахти кишвар баргузор намуд. Протоколҳои мизҳои мудаввари баргузоргардида, бо пешниҳоду хулосаҳои ҷамъовардашуда ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба ба лоиҳаи Қонун “Дар бораи ҳунармандӣ” бо мактуб аз 30 октябри соли 2017, №205-К ирсол карда шуд. Лоиҳаи мукаммали қонун ба ҷаласаи ояндаи пешниҳод карда мешавад.<br><br>Тибқи дастури раиси Шӯрои машваратӣ ба ҷаласаи XVIII Шӯро доираи васеи соҳибкорон ва сармоягузорони соҳаи нақлиёт ва логистика, инчунин бонкдории кишвар даъват шуда, ширкат меварзанд. | |